**ВАЗОРАТИ ИЛМ ВА ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ**
**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ БАЙНИДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ**
**“ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН”**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректор, раиси**
**Шӯрои олимони ДСРТ**
**д.и.и. ________ М.К.Файзулло**
**«02» 12 ________ 20 г.**

# НИЗОМНОМА
# ОИД БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲ» (ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН)

*Қарори Шӯрои олимони ДСРТ*
*аз 30 ноябри соли 2022, протоколи №4*

**Душанбе – 2022**

Низомномаи мазкур тартиби ташаккул ёфтан, муқарризӣ кардан, талаботи мазмунӣ ва ташкилию технологии маҷаллаи илмии «Вестник университета» (Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон)-ро, ки аз тарафи муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» нашр карда мешавад, муайян менамояд.

Низомномаи мазкур барои истифодабарии муаллифони мақолаҳояшонро дар маҷаллаи илмӣ нашркунанда, муқарризони маҷалла, аъзои ҳайати таҳририяи маҷалла, кормандони донишгоҳ ҳатмӣ мебошад.

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**1.1.** Низомномаи мазкур натиҷаи фаъолияти зеҳнии (моликияти зеҳнии) МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» мебошад ва наметавонад бе ризоияти соҳибдори ҳуқуқ ба истиснои ҳолатҳое, ки аз тарафи қонунгузории амалкунанда пешбинӣ карда шудаанд, истифода бурда шавад.

**1.2.** Низомнома дар бораи маҷаллаи илмии «Вестник университета» (Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон) мувофиқи санадҳои зерин коркард шудааст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.11.1994 (дар таҳрири қонун аз 22.06.2003);
- Қонуни Федералӣ «Дар бораи маориф дар Федератсияи Россия» аз 29.12.2012, №273-ФЗ;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22.07.2013, №1004;
- Қонуни Федералии Федератсияи Россия «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» аз 27.12.1991, №2124-1;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19.03.2013, №961;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти нашриётӣ ва полиграфӣ» аз 23.07.2016, №1327;
- Номенклатураи ихтисосҳои илмие, ки тибқи онҳо дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва ворид кардани тағйирот ба Низомнома дар бораи шӯро оид ба дифои диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илмҳо, ки бо фармони Вазорати маориф ва илми Россия аз 10.11.2017, №1093 (бо фармони Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия таҳти №118 аз 24.02.2021) тасдиқ шудааст;
- Оинномаи МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (минбаъд – ДСРТ, донишгоҳ);
- Санадҳои меъёрии маҳаллии донишгоҳ;
- Низомномаи мазкур.

**1.3.**«Вестник университета» соли 2002 таъсис дода шудааст. Муассис – муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» мебошад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, дорои шаҳодатномаи қайди нашрияи даврии №081/ЖР-97 аз 11 сентябри соли 2018 мебошад.

**1.4.** Низомнома дар бораи маҷаллаи «Вестник университета» дар Шӯрои олимон қабул карда шуда, бо фармони ректори ДСРТ тасдиқ мегардад.

**1.5.** «Вестник университета» нашрияи даврии обунавии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон мебошад. Дар маҷалла маводҳои илмии оригиналие нашр мегарданд, ки мушкилоти мубрами соҳаҳои дониши дар фаъолияти илмию таҳқиқотии ДСРТ муаррифишуда ва ба воридкунии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба фаъолияти таҳсилотӣ равонашударо дар бар мегиранд.

**1.6.** Дар «Вестник университета» маводҳое нашр мегарданд, ки ба соҳаҳои зерини илмҳо ва гурӯҳҳои ихтисосҳо мансуб ҳастанд:

Ба соҳаои иҷтимоӣ ва гуманитарии илмӣ:

1) Илмҳои филологӣ (адабиёти рус ва адабиёти халқҳои ҷаҳон; назарияи адабиёт; забони русӣ;забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷӣ; забоншиносии назариявӣ ва амалӣ, муқоисавӣ; медиамуошират ва журналистика.)

2) Илмҳои иқтисодӣ (назарияи иқтисодӣ; усулҳои математикӣ, оморӣ ва асбобӣ дар иқтисод; иқтисодиёти минтақавӣ ва соҳавӣ; молиёт; иқтисоди ҷаҳонӣ; менеҷмент).

**1.7.** Даврияти маҷалла ба миқдори 4 шумора дар як сол (1 маротиба дар се моҳ) бо ҳаҷми на камтар аз 20 ҷ.ч. шартӣ муқаррар карда мешавад. Барориши шумораҳои махсуси маҷалла, замимаҳо ба он аз рӯйи ҳар як соҳаи алоҳидаи дониш пешбинӣ гаштааст.

**1.8.** «Вестник университета» дорои рақами ISSN аст**,** ки ин дастрас будани иттилоотро дар бораи он дар нашрияҳои дахлдори байналхалқии реферативӣ таъмин месозад.

**1.9.** «Вестник университета» ба низоми индекси иқтибосбиёрии илмӣ, дар доираи Барномаи Федералии мақсадноки илмию техникии «Таҳқиқ ва коркард тибқи самтҳои афзалиятноки рушди илму техника» ворид карда шудааст.

**1.10.**Маҷалла ба Номгӯи маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Россия дохил шудааст.

**1.11.** Барои таъмини иттилоот оид ба маводҳои дар маҷалла нашршаванда дар сайти донишгоҳ суроғаи электронии http://www.rtsu.tj ва дар сайти Китобхонаи илмии электронӣ http://www.elibrary.ru/ резюмеи мақолаҳо ва маълумот дар бораи муаллифон ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ ҷой дода мешаванд.

## II. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТ ОИД БА БАРОРИШИ МАҶАЛЛА

**2.1.** Дар фаъолияти худ маҷалла принсипҳои ахлоқи интишориро ба асос мегирад. Меъёрҳои ахлоқии раванди интишорӣ дар сайти маҷалла ҷойгир карда шудаанд.

**2.2.** Роҳбарии нашри маҷалларо ҳайати таҳририя амалӣ месозад. Таркиби ҳайати таҳририя бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Дар ҳолати зарурати қисман тағйир додани ҳайати таҳририя ҳалли ин ба уҳдаи сармуҳаррири маҷалла вогузор карда мешавад.

**2.3.** Ҳайати таҳририяи маҷалла аз рӯйи принсипи намояндагии соҳаҳои илми дар он пешбинӣ кардашуда аз ҳисоби олимони пешбари ДСРТ, дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷи наздик таҳия мегардад.

**2.4.** Аъзои ҳайати таҳририя дар кори он ба тариқи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд.

**2.5.** Ба таркиби ҳайати таҳририя сармуҳаррир, муовини сармуҳаррир, котиби масъул, аъзои ҳайати таҳририя дохил мешаванд.

**2.6. Вазифаҳои асосии** ҳайати таҳририя аз инҳо иборатанд:

- Омодагии илмӣ ва ташкилӣ ба нашри бароришҳои чопӣ ва электронии маҷалла;
- таҳлили мазмуни маводҳое, ки барои нашр шудан дар маҷалла пешниҳод мешаванд;
- ташкили тақризшавии мақолаҳои пешниҳодшуда, баҳогузорӣ ва дар ҳолати зарурат омодасозии хулоса дар бораи мувофиқи мақсад будан ва шартҳои воридсозии он ба маҷалла ва ё дар бораи инкор кардани онҳо;
- кор бо муаллифон оид ба овардани маводҳои барои нашр пешниҳодшуда мувофиқи талаботи маҷалла;
- таҳлилу умумигардонии натиҷаҳои фаъолияти ҳайати таҳририяи;

**2.7.**Роҳбарии ҳайати таҳририяро сармуҳаррир, ки координатсияи тамоми доираи корҳоро доир ба омодасозии ҳар як шумораи маҷалла ба уҳда дорад, амалӣ менамояд. Сармуҳаррир метавонад як қисми салоҳиятҳояшро ба муовини худаш тақсим кунад.

**2.8.**Сармуҳаррир роҳбарии фаъолияти ҳайати таҳририяро амалӣ месозад, кори ҳайати таҳририя, кори омодасозӣ ва барориши маҷалларо назорат мекунад; дар бораи ворид кардани тағйирот дар таркиби ҳайати таҳририя қарор қабул мекунад.

**2.9.Муовини сармуҳаррир** супоришҳои сармуҳаррирро оид ба роҳбарӣ ва ташкили кори ҳайати таҳририя иҷро мекунад; вазифаҳои сармуҳаррирро дар давраи набуданаш амалӣ месозад; назорати иҷрошавии ҷадвали омодасозии шумораи навбатии маҷалла ва нусхагирии онро амалӣ месозад.

**2.10. Котиби масъул:**

- Воридшавӣ ва коркардшавии маводҳои воридшударо назорат мекунад;
- Бақайдгирии онҳоро таъмин мекунад;
- Риояшавии талаботро нисбат ба таҳияи дастнависҳои мақолаҳо мувофиқи талаботи ГОСТ ва Қоидаҳо барои муаллифон назорат мекунад;
- дар ҳолати зарурат бо ташкили кори ҳайати таҳририя машғул мешавад;
- таҳриркунии илмии маводҳои барориши навбатии маҷалларо таъмин мекунад;
- муҳлати омодасозӣ ва интишори саривақтии гунаи чопии шумораи навбатии маҷалла, инчунин ҷойгирсозии саривақтии гунаи электронии шумораи навбатии маҷалларо дар сомонаи расмии маҷалла назорат мекунад.

**2.11.** Ҳайати таҳририя омодасозии маҷалларо ба нашр амалӣ месозад. Аъзои ҳайати таҳририя бо супориши сармуҳаррир метавонанд дар таҳриркунии илмии мақолаҳо иштирок намоянд.

**2.12. Аъзои ҳайати таҳририя:**

- дар муқарризӣ кардани корҳои барои интишор пешниҳодшуда иштирок мекунад;
- баҳогузории экспертии мақолаҳоро аз рӯйи фаслҳои ба ӯ супоридашудаи маҷалла ташкил мекунад ё мегузаронад;
- ҳангоми зарурат номзадҳоро барои муқарризӣ кардани маводҳо тавсия медиҳад;
- экспертизаи илмии дастнависҳои мақолаҳоро анҷом медиҳад;
- барои ба кор аз болои маҷалла ҷалб намудани олимони пешбар ва мутахассисони соҳибкасб мусоидат мекунад;
- бо супориши сармуҳаррир метавонад дар таҳриркунии илмии мақолаҳо иштирок намояд.

**2.13.** Ҳайати таҳририя метавонад аз Шӯрои олимони ДСРТ барои тағйир додани мақоми маҷалла ва давравӣ будани нашри он дархост намояд.

## III. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД КАРДАНИ БАРРАСӢ, ТАСДИҚ ВА РАД КАРДАНИ МАҚОЛАҲО

**3.1.** «Вестник университета» мақолаҳои ҳайати профессорону устодон, кормандони илмӣ, аспирантону донишҷӯёни Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистонро интишор мекунад. Маҷалла инчунин барои интишори корҳои худ ба олимону кормандони дигар мактабҳои олӣ ва муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хориҷаи дуру наздик имконият мешкаш месозад.

**3.2.** Таҳририя барои интишор кардан мақолаҳоро аз рӯйи равияҳои дар фасли 1.5. Низомномаи мазкур қабул мекунад. Дастнависҳо ҳангоми воридшавиашон ба таҳририя аз тарафи котиби масъули нашрия ба қайд гирифта мешаванд. Бо мақсади роҳ надодан ба плагиат ва иқтибоскунии сарчашмаҳо бе нишон дода шудани муаллиф, инчунин бо мақсади баланд бардоштани сифати мақолаҳои илмӣ работа кор бояд аз экспертизаи низоми тафтишии «Антиплагиат» гузарад. Дарсади асилияти мақолаҳои илмӣ бояд на каматра аз 70% бошад.

**3.3.** Ба маҷалла пешниҳод кардани корҳое, ки қаблан интишор ёфтаанд ва ё барои чоп дар нашрияҳои дигар қабул карда шудаанд, номумкин аст. Таҳририя барои ҷудо кардани маводҳо, инчунин кӯтоҳ кардани ҳаҷми мақолаҳои нашршаванда ҳуқуқ дорад.

**3.4.** Дастнависҳои интишорот мувофиқи талаботи Қоидаҳо барои муаллифон ба тасвиб расонида мешаванд. Дастнависҳои бо вайронкунии қоидаҳои фавқуззикр пешниҳодшударо таҳририя қабул намекунад. Котиби масъули ҳайати таҳририя метавонад мустақилона дастнависҳоро барои пурра кардан бозпас гардонад, агар ба тасвиб расондани он ба Қоидаҳои муқаррар кардашудаи барои муаллифон мувофиқат накунад. Дар ҳолати зарурат

Қоидаҳо барои муаллифон метавонанд таҷдиди назар карда шаванд, вале на бештар аз як маротиба дар як сол.

**3.5.** Муаллифон дастнависҳоро дар шакли электронӣ бо чоп намудани мақолаҳояшон дар як нусха пешниҳод месозанд.

**3.6.** Мақолаҳо барои баррасии ҳайати таҳририя дар сурати вуҷуд доштани тақриз аз номи мутахассиси соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳо (агар муаллифи мақола доктори имлҳо бошад), доктор ва ё номзади илмҳо (агар муаллифи мақола номзади имлҳо, унвонҷӯй ва ё аспирант бошад) қабул карда мешаванд. Аспирантону унвонҷӯён ба таҳририя тақризи роҳбари илмиро бо тавсияи мақола барои чоп шудани он пешниҳод мекунанд.

**3.7.** Тақриз бояд дорои номбаркунии ҷиҳатҳои мусбати маводҳои мақолаи манзуршаванда бошад, аз ҷумла дар он навгонии кор, мубрамии он, дақиқии фактологӣ ва таърихӣ, саҳеҳии иқтибоскунӣ, услуби фаҳмои баён, истифодабарии сарчашмаҳои муосир, инчунин номбаркунии хайрхоҳонаи камбудиҳои мавод инъикос гардад. Дар хулосаи тақриз баҳогузории умумии мавод ва тавсияҳои муқарриз барои ҳайати таҳририя (нашри маводҳо, нашри маводҳо пас аз мукаммалсозӣ, равона кардан барои гирифтани тақризи иловагӣ аз номи мутахассиси мавзуи муайян, рад кардани мақола) оварда шаванд.

**3.8.** Ҳаҷми тақриз – на камтар аз як саҳифаи матн.

**3.9.** Тақриз бояд аз тарафи муқарриз бо нишон додани дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, вазифа, санаи омодасозиии он тасдиқ карда шуда муҳри ташкилот ё муассисаеро, ки ӯ дар он фаъолият мекунад, дошта бошад.

**3.10.** Мақолаи барои нашр қабулшуда, вале коркардталаб ба муаллиф бо эродҳои муқарриз ва муҳаррир бозпас гардонида мешавад. Муаллиф бояд тамоми эродҳои баёншударо ислоҳ карда, онҳоро ба нусхаи ниҳоии дастнавис ворид созад ва ба таҳририя матни ислоҳшуда ва нусхаи айнан якхелаи электрониро ҳамроҳи нусхаи аввалаи дастнавис пешниҳод намояд.

**3.11.** Муқарризии дастнависҳо ба таври махфӣ амалӣ мегардад. Ошкор сохтани ҷузъиёти махфии муқарризии дастнависҳо ҳуқуқи муаллифонро вайрон мекунад. Ба муқарризон нусхабардорӣ кардани дастнависҳо барои эҳтиёҷоти худашон мумкин нест.

**3.12.** Муқарризон, инчунин кормандони таҳририя барои истифода бурдани иттилооти дар дохили дастнависҳо вуҷуддошта ва ё то интишор ёфтани онҳо ҳуқуқ надоранд.

**3.13.** Аз рӯйи натиҷаҳои муқарризӣ мақола метавонад ё рад карда шавад, ё ба муаллиф барои беҳтар кардани сифати он бозпас гардонида шавад, ё барои чоп қабул карда шавад.

**3.14.** Таҳририяи маҷалла барои дастнависҳои мақолаҳо тибқи талаби муаллифон ва шӯроҳои экспертии КОА тақриз пешниҳод карда метавонад.

**3.15.** Дастнависҳои баргардонидашудаи мақолаҳо, инчунин дастнависҳои барои нашр қабул кардашуда ба муаллиф баргардонида намешаванд.

**3.16.** Мақолаҳо бо тартиби навбати воридшавиашон ба таҳрири нашр мегарданд. Агар мақола ба муаллиф барои беҳтар кардани сифати он бозпас

гардонида шавад, он гоҳ санаи воридшавии он санаи ба таҳририя супорида шудани нусхаи аз нав коркардшудаи мақола маҳсуб мегардад.

## IV. ҚОИДАҲОИ ТАСВИБИ МАҚОЛАҲО

**4.1.** Маводҳо ба таҳрири дар ҳомили электронӣ ва дар шакли чопшуда (1 нусха) пешниҳод мешаванд.

**4.2.** Варақаи муаррифии мақола бояд: УДК, ном, насаб, номи падари (пурра) муаллиф/муаллифон, дараҷаи илмӣ, унвон, вазифаи ӯ/онҳо, ҷойи кор ва иттилоот барои тамос (суроғаи почтавӣ бо индекс, телефон, E-mail), рамз ва номи ихтисос, резюме ба забони русӣ ва калидвожаҳоро бо нуқта вергул (аз 3 то 10 калима) дошта бошад. Ҳаҷми мақолаи илмӣ набояд аз 1 ҷ.ч. зиёд буда, дорои чунин қисмҳои сохторӣ, аз қабилӣ мубрамии мавзуъ, мақсади гузаронидани таҳқиқ, навгонии он, нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳо бошад.

**4.3.** Резюме бояд мазмуни асосии мақоларо возеҳ нишон дода, барои нашр алоҳида аз худи мақола мувофиқат намояд. Ҳаҷми резюме 150-200 калимаро ташкил медиҳад.

**4.4.** Дар мақола ҳатман бояд поварақҳои сарчашмаҳои иттилоот (иқтибосҳо, рақамҳо) вуҷуд дошта бошанд. Поварақҳо мувофиқи рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт рақамгузорӣ мешаванд. Рақамҳои поварақҳо бояд дар қавси мураббаъ бо нишон додани саҳифаи иқтибос оварда шаванд.

**4.5.** Сарчашмае, ки маводи илмӣ-таҳлилӣ (қонунгузорӣ, маводҳои публисистӣ, ҳуҷҷатҳои бойгониҳо, ҳуҷҷатҳои расмӣ, интернет-маводҳо) маҳсуб намешаванд, дар поварақҳои саҳифавӣ ба забони нусхаи аслӣ нишон дода мешаванд. Адабиёти илмӣ дар рӯйхати библиографӣ дар охири матни мақола бо тартиби алифбо оварда мешавад (аввал адабиёт ба забони русӣ, баъдан адабиёт ба забонҳои хориҷӣ). Дар рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 10 номгӯи адабиёти илмӣ оварда шаванд, ки аз ҷумла иинъикоскунандаи дидгоҳи муосир нисбат ба мушкилоти баррасишаванда мебошанд. Истифода бурдани маводҳое, ки дар нашрияҳои тақризшаванда интишор меёбанд, салоҳиятнок аст.

**4.6.** Дастнависҳо бо номи мақолаҳо, маълумот дар бораи муаллиф/муаллифон ва матнҳои резюме ба забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ анҷом меёбанд.

**4.7.** Рӯйхати библиографӣ ба ду забон: русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

**4.8.** Барои таҳрир матнҳои дар шакли MS Word for Windows таҳиягашта қабул карда мешаванд. Ҳуруф – Times New Roman, андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи якхатта, сархат – 1,25. Андозаи ҳошияҳо: аз боло – 2 см, аз поён – 2 см, аз чап – 3 см, аз рост – 1,5 см.

**4.9.** Ҳамаи саҳифаҳо, аз варақаи муаррифӣ сар карда, бояд батартиб рақамбандӣ карда шаванд.

**4.10.** Матнҳои дастнависҳои воридшаванда бояд ниҳоӣ бошанд ва бо тафтиши саҳеҳ фиристода шаванд.

## V. ТАРТИБИ ТАҚСИМОТ ВА ПАҲНСОЗИИ МАҶАЛЛАИ «ВЕСТНИК УНИВЕРСИТЕТА»

**5.1.** Обуна ба «Вестник университета» тавассути КВД «Почтаи тоҷик» амалӣ мегардад.

**5.2.** Ҳар як муаллифи мақола барои ба даст овардани сабт мақолаҳои дар маҷалла интишорёфта ҳақ дорад.

**5.3.** Тақсимоти ҳатмии ройгон мувофиқи феҳристи аз тарафи ҳайати таҳририя тасдиқшуда амалӣ мегардад.

## VI. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ НАШРИ МАҶАЛЛА

**6.1.** Маҷалла дар асоси маблағгузорӣ аз воситаҳои пулии ДСРТ нашр мегардад.

**6.2.** Аз аспирантону кормандони ДСРТ барои нашри мақолаҳояшон дар маҷалла гирифта намешавад.

**6.3.** Воситаҳои аз ҳисоби обуна ва фурӯши бароришҳои маҷалла ба дастомада барои таъминоти моддӣ-техникии нашри маҷалла харҷ карда мешаванд.

## VII. МАТОЛИБИ НИҲОӢ

**7.1.**Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур дар бораи маҷаллаи илмии «Вестник университета» (Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон) тариқи тартиб додани Низомнома дар таҳрири нав ва ё тасвиби тағйирот (иловаҳо) дар шакли замимаҳо ба Низомномаи мазкур дар асоси қарори Шӯрои олимони ДСРТ дароварда шуда, ба таваҷҷуҳи кормандону шахсони мансабдор ва манфиатдори Донишгоҳ расонда мешаванд.

**7.2.** Нусхаи аслии Низомномаи мазкур дар Котиботи Шӯрои олимони ДСРТ нигоҳ дошта мешавад.

*Иҷрокунанда:*
*ШТН ДСРТ*
*Баратова Р.В.*
*(+992 44) 620 42 34*

**ЗАМИМА**
***ба Низомнома дар бораи маҷаллаи илмии «Вестник университета» (ДСРТ)***

# РӮЙХАТИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯИ МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ВЕСТНИК УНИВЕРСИТЕТА» (ДСРТ)

**оид ба илмҳои филологӣ:**

1. **Русакова Марина Василевна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе), **муовини сармуҳаррири** маҷалла (ш.Душанбе) (+992 44) 620 4225, 918 70 1555, rusakova-74@mail.ru
2. **Баратова Рано Вахидовна,** мудири шуъбаи таҳрирӣ-нашриётии Раёсати илм ва инноватсияи МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе), **котиби масъули** маҷалла (ш.Душанбе) (+992) 44 620 4234, 44 620 4211, vestnik_rtsu@mail.ru
3. **Шамбезода Хусрав Ҷамшедович,** доктори филологических наук, профессори кафедраи забоншиносии назариявӣ ва амалии факултети забонҳои хориҷии МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе), (+992) 44 620 42 09; 93 514 2449, shambezade56@mail.ru
4. **Салимов Рустам Давлатович,** доктори илмҳои филологӣ, профессори факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияи МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе) (+992) 44 620 42 08; 93 478 9676, www.S83@mail.ru
5. **Искандарова Дилоро Мукаддасовна,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносии назариявӣ ва амалии факултети забонҳои хориҷии МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе) (+992) 44 620 42 09; 98 570 0800, iskandarova@hotmail.com
6. **Абдуллозода Масрур Ахмад,** доктор илмҳои филологӣ, профессор, мушовири ёвари Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва алоқа бо ҷомеа (ш.Душанбе) (+992) 98 806 8601, masrur_a@mail.ru
7. **Муллоев Шариф Бокиевич,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи ВАО ва PR чопии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияи МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе) (+992) 44 620 42 14, 93 500 5750, mulloev_sharif@mail.ru
8. **Мамадназаров Абдусалом,** доктор илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе) (+992) 907 502 042, abdusalom@mail.ru
9. **Турсунов Фаёз Мелибоевич,** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи тарҷумаи Донишгоҳи байналхалқии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ш.Душанбе). (+992) 98 760 3436, fayzbakhsh@rambler.ru

10. **Қосимов Олимҷон Ҳабибович,** доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи лексикология ва истилоҳшиносии Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе), olimjonk@yandex.ru
11. **Муродов Мурод Бердиевич,** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи нашри Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш.Душанбе) (+992) 37 221 7711, 93 425 1532, murodi-65@mail.ru

**оид ба илмҳои иқтисодӣ:**

12. **Файзулло Машраб Қурбоналӣ,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе), **сармуҳаррири** маҷалла (ш.Душанбе) (+992 37) 227 3550, 900 06 8866, http://www.rtsu.tj, rtsu-1996@mail.ru;
13. **Султонов Зубайдулло Султонович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи факултети иқтисодиёт ва идоракунии МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе), (+992) 37 227 8583.
14. **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳонии факултети иқтисодиёт ва идоракунии МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе), (+992) 37 227 1571, 95 143 3996, sirodj.tj@mail.ru
15. **Амонова Дилбар Субҳоновна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисодиёт ва идоракунии МБТ ТО «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш.Душанбе), (+992) 37 227 3973, 918 74 9494, Dilbar_amonova@mail.ru
16. **Тураева Мадина Октамовна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, корманди пешбари илмии ФГБУН «Институти иқтисоди АИР» (ш.Москва), (499) 129 09 77, m.o.turaeva@gmail.com
17. **Ткаченко Александр Александрович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директори Институти таҳқиқи муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ дар Донишгоҳи молияи назди Ҳукумати Федератсияи Россия (ш.Москва), alaltkachenko@gmail.com
18. **Плоских Елена Викторовна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессор кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи славянии Қирғизистон ва Россия ба номи Б.Елсин (ш. Бишкек), (+996 550) 95 08 05; (+996 772) 53 00 54, ploskih_elena@mail.ru
19. **Ташбаева Рано Гайбуллаевна,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи факултети иқтисодии Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек (ш.Тошкент), (+998) 90 788 8312, ranotsh@mail.ru